# ХУЛОСАИ

**комиссияи ташхиси Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-005 - и назди Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи А. Дониши Академияи миллии илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ба рисолаи Комилов Меҳроҷ Шарифович дар мавзӯи «Фаъолияти китобхонаҳои Тоҷикистон дар даврони истиқлол (солҳои 1991-2016)», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯи ихтисоси 07.00.02 – таърихи ватанӣ**

Комиссияи ташхис дар ҳайати доктори илмҳои таърих, профессор Раҷабов А. (раис), доктори илмҳои таърих, профессор, узви вобастаи АМИТ Шарифзода А. (аъзо), доктори илмҳои таърих Қобилова Б. (аъзо) ба мазмуну мухтавои диссертатсияи мазкур шинос шуда, хулосаи зеринро пешниҳод менамояд.

1. Диссертатсия ба талаботи банди 10 ва 11 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвонҳои илмӣ (дотсент, профессор), ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 ноябри соли 2016, таҳти №505 тасдиқ шудааст, мутобиқ мебошад. Мавзӯи диссертатсия нав буда, дар илми таърихи ватанӣ бори аввал дар шакли пажӯҳиши монографӣ мавриди омӯзиши илмӣ қарор гирифтааст. Дар он нақш ва мақоми китобхона ҳамчун муассисаи фарҳангӣ-маърифатӣ ва иттилоотӣ-коммуникатсионӣ дар ташаккули раванди донишандӯзӣ ва таҳкими маърифату фарҳанги ҷомеа бисёр муҳимму мубрам арзёбӣ шудааст. Мубрамияти мавзӯи мазкур боз дар он зоҳир мегардад, ки дар шароити ҷаҳонишавии ҷомеаи иттилоотӣ ва рушди бемайлони воситаҳои нави иттилоотӣ-коммуникатсионӣ дар радифи китобхонаҳои анъанавӣ пайдо шудану ба фаъолият шурӯъ кардани китобхонаҳои электронӣ ҳамчун марказҳои нави ҷамъоварӣ, ҳифзу нигоҳдорӣ ва истифодаву интиқоли ҳуҷҷатҳои электронӣ ба сифати объекти таҳқиқот мавриди омӯзиш қарор нагирифтааст.

2. Мавзӯъ ва мазмуни таҳқиқот ба шиносномаи ихтисоси 07.00.02 - Таърихи ватанӣ (таърихи халқи тоҷик), ки аз рӯйи он ба Шӯрои диссертатсионӣ мувофиқи фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз санаи 6-уми марти соли 2019, таҳти №46 ҳуқуқи қабули диссертатсияҳо барои ҳимоя дода шудааст, мувофиқ мебошад. Ҳамчунин таҳқиқот ба талаботи Феҳристи ихтисосҳое, ки аз рӯйи онҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон унвонҳои илмӣ дода мешаванд ва бо қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми ноябри соли 2017, таҳти №5/2 тасдиқ шудааст, мувофиқ аст. Саҳми шахсии муаллиф дар натиҷагирии мавзӯъ дар он ифода меёбад, ки ӯ дар асоси манбаъҳои муътамад, шумораи зиёди асарҳои нашргардида фаъолияти китобхонаҳои анъанавӣ ва электронии Тоҷикистони соҳибистиқлолро бо дарназардошти вижагиҳои технологию касбӣ, тамоюлҳои тағйирпазирии мусбату манфии шабакаи китобхонаҳои мамлакат бо таври муҷтамеъ

(комплексӣ) мавриди таҳқиқ қарор додааст. Дар заминаи омӯзиши паҳлуҳои гуногуни фаъолият ва вижагиҳои китобхонаҳои анъанавӣ ва электронии мамлакат роҳҳои минбаъдаи рушди фаъолияти онҳоро муайян кардааст. Барои таҳқиқи мавзӯъ маводи фаровони илмиву амалиро ҷамъоварӣ, коркард, гурӯҳбандӣ ва дар шакли феҳрист омода карда, таҳти унвони «Китобхонаҳои Тоҷикистон дар даврони истиқлол», ки фарогири 1382 номгӯй мавод мебошад, ба табъ расонидааст. Ҳамзамон натиҷаҳои илмии бадастомада, аз ҷумла хулосаҳои назариявӣ, нукоти ба ҳимоя пешниҳодшаванда, тавсияҳои хислати амалидошта бевосита аз ҷониби муаллиф мустақилона таҳия, баррасӣ ва исбот шудаанд.

3. Доир ба мавзӯи диссертатсия муаллиф 1 рисола ва 27 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 4 мақола дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва КОА Вазорати маориф ва илми Федератсияи Россия ба табъ расонидааст. Дар интишороти зикршуда натиҷаҳои асосӣ, хулосаҳои таҳқиқот ва тавсияҳои муаллиф зикр шудаанд. Теъдоди мақолаҳои интишоршуда ба банди 14-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвонҳои илмӣ (дотсент, профессор) мувофиқ аст.

4. Дар таҳқиқоти диссертатсионии Комилов М.Ш. ҳолати бидуни иқтибос ё маъхаз истифода шудани матолиб ва мавод мушоҳида намешавад. Маъхаз ва нишонии ҳамаи иқтибос, сарчашмаҳо ва адабиёти истифодашуда, нишон дода шудааст ва муаллиф дар тартиб додани дастгоҳи илмии рисолаи диссератсионӣ талаботи банди 16-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвонҳои илмӣ (дотсент, профессор)-ро риоя намудааст.

5. Дар диссертатсия ва дигар ҳуҷҷатҳои пешниҳоднамудаи Комилов М.Ш. маълумоти носаҳеҳ мавҷуд намебошад.

Банди 55-и Низомномаи намунавӣ оид ба Шӯрои диссертатсиониро, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 ноябри соли 2016, таҳти №505 тасдиқ гардидааст, ба роҳбарӣ гирифта, комиссия пешниҳод менамояд:

1. Диссертатсияи Комилов Меҳроҷ Шарифович дар мавзӯи «Фаъолияти китобхонаҳои Тоҷикистон дар даврони истиқлол (солҳои 1991-2016)», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.02 – таърихи ватанӣ ба Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-005-и назди Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи Аҳмади Дониши Академияи миллии илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон барои ҳимоя қабул карда шавад.

2. Муқарризони расмӣ шахсони зерин таъйин карда шаванд:

- Набиев Ваҳҳоб Машрабович, доктори илмҳои таърих, профессори кафедраи таърихи Ватан ва археологияи Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б. Ғафуров;

- Абдураҳимзода Қурбоналӣ Бозор, номзади илмҳои таърих, дотсент, муовини вазири фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон.

3. Ба ҳайси муассисаи тақриздиҳанда Донишкадаи давлатии фарҳанг ва санъати Тоҷикистон ба номи М.Турсунзода таъйин карда шавад.

4. Ба нашри автореферати диссертатсия ба микдори 100 нусха иҷозат дода шавад.

5. Барои ҷойгир кардани эълони ҳимояи диссертатсия дар сомонаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва сомонаи Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи А. Дониши АМИТ иҷозат дода шавад.

**Раиси комиссияи ташхис:**

доктори илмхои таърих,
профессор Раҷабов А.

**Аъзои комиссияи ташхис:**
доктори илмҳои таърих,
профессор, узви вобастаи АМИТ Шарифзода А.

доктори илмҳои таърих Қобилова Б.

**Имзоҳоро тасдиқ менамоям:**
Сардори шуъбаи кадрҳои
Институти таърих, бостоншиносӣ
ва мардумшиносии ба номи
А. Дониши АМИТ Файзуллоева Г.